# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Сафарзода Ғазалшоҳ Ғулом дар мавзуи «Рушди маорифи вилояти Хатлон дар охири асри XX - ибтидои асри XXI (дар заминаи маводи минтақаи Кӯлоб)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ

Рисолаи диссертатсионии Сафарзода Ғ.Ғ. натиҷаи таҳқиқоти илмӣ-тахассусие мебошад, ки масъалаҳои мубрами таърихи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мисоли яке аз минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон (собиқ вилояти Кӯлоб) бахшида шудааст. Дар натиҷаи хулосаву пешниҳодот ва навгониҳои дар автореферат қайднамудаи муаллиф бояд гуфт, ки таҳқиқоти мазкур бо тахассуси 07.00.02 – таърихи ватанӣ комилан мувофиқат мекунад.

Мавзуи рисолаи номзадии Сафарзода Ғ.Ғ. воқеан яке аз масъалаҳои мубрами таърихи ватанӣ буда, аввалан камомӯхташуда ва сониян рӯзмарра ба шумор меравад. Таърихи мактабу маориф дар ҳама давру замон яке аз соҳаҳои муҳими илму фарҳанг ба шумор меравад, ки барои пешравии ҷомеа нақши аввалиндараҷа мебозад.

Муаллифи рисола дар автореферати худ комилан дуруст қайд менамояд, ки муҳиммият ва мубрамияти омӯзиши раванди тараққиёти мактабу маориф аз дидгоҳи минтақавӣ пеш аз ҳама, аз аҳамияти таърихии он равандҳое доро мебошад, ки имрӯз дар ҷомеаи мо, бахусус дар соҳаи маориф ҷараён доранд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқотро муаллиф дуруст ҷамъбаст кардааст, ки маводи рисоларо ҳангоми таҳияи васоити таълимӣ, курси махсус, маводи лексионӣ оид ба таърихи навтарини халқи тоҷик ва таърихи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст. Инчунин, мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар минтақа, ки салоҳиятҳои идоракуниро дар соҳаи маориф ва кормандони педагогӣ ба уҳда доранд, метавонанд, ки натиҷаҳои ҳамин тадқиқотро ба инобат гиранд. Маводе, ки дар рисола ғунҷонида шудаанд, ҳангоми таҳияи монографияҳо, нашрияҳои энсиклопедӣ оид ба

таърихи Тоҷикистон дар маҷмӯъ ва алалхусус таърихи мактабу маорифи минтақаи Кӯлоб зарурӣ мегарданд.

Дар натиҷа муаллиф дуруст қайд менамояд, ки ҳолати татбиқи амалии ислоҳоти низоми таҳсилот ва гузариш ба стандартҳои ҷаҳонӣ, ҷараёни рушд ва дигаргуниҳои сифатӣ дар низоми маорифи минтақа, раванди таҳкими пойгоҳи моддӣ ва баррасии рушди раванди таълим дар мактабҳои минтақа дар маҷмӯъ барои кулли системаи маорифи кишвар аҳамият муҳими таърихӣ дорад.

Аз автореферати рисолаи диссертатсионии Сафарзода Ғазалшоҳ Ғулом маълум аст, ки ӯ дар мавзуи «Рушди маорифи вилояти Хатлон дар охири асри XX - ибтидои асри XXI (дар заминаи маводи минтақаи Кӯлоб)» тадқиқоти илмӣ-тахассусиеро анҷом додааст. Шарҳи автореферат ба се забон (тоҷикӣ, русӣ, англисӣ) арзиши назарӣ ва амалии онро инъикос мекунад. Ниҳоят гуфтан мумкин аст, ки кори таҳқиқоти Сафарзода Ғ.Ғ. ҷавобгӯ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст ва муаллифи он сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – таърихи ватанӣ мебошад.

**Доктори илмҳои таърих, дотсент,**
**мудири кафедраи таърихи умумӣ ва**
**фарҳангшиносии Муассисаи давлатии**
**таълимии “Донишгоҳи давлатии Бохтар**
**ба номи Носири Хусрав”** **Алимов Давлаталӣ Халилович**

Имзои доктори илмҳои таърих, дотсент
Алимов Д.Х.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори ШК ва КМ МДТ “ДДБ ба номи
Носири Хусрав” Шукурзод Ҷамшед Абдуалим

Сурога: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67,
МДТ “ДДБ ба номи Носири Хусрав”,
тел.: (83222) 2-54-81, (83222) 2-22-53
http: // www. btsu.tj, E-mail: ktsu78@ mail.ru
23.01.2023.